**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**профессор Хушвахтзода Қ.Х.**

**____________________________**

**«_____» ______________________2020 с.**

**ХУЛОСА**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рисола дар мавзӯи «Идоракунӣ ва таъмини бехатарии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима шудааст. Рисолаи илмӣ ба Холназаров Музаффар Бойназарович - унвонҷӯи кафедраи «Назарияи иқтисод»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҳсуб меёбад.

Холназаров Музаффар Бойназарович соли 2012 - ум ихтисоси 1004 «Таъмини барқ (аз рӯи соҳаҳо)»-и факултети «Электроэнергетикӣ»-и Донишкадаи энергетикии Точикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои хуб ва таърих ва фалсафаи илм бо баҳои хуб дар соли 2014 супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт мебошад.

Мавзӯи рисолаи илмии Холназаров М.Б. дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисоди миллӣ ва

бехатарии иқтисодӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми июли соли 2020, суратҷаласаи №1 муҳокима гардид.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Идоракунӣ ва таъмини бехатарии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**1. Баҳодиҳии иҷрои рисола.** Рисолаи илмии Холназаров М.Б. дар мавзӯи «Идоракунӣ ва таъмини бехатарии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба муаммоҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст. Рисолаи мазкур бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва мақсаду вазифаҳои рисолаи илмӣ иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

**2. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар рисола пешниҳод шудааст, назаррас мебошад.** Рисолаи илмӣ натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи рисола дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

**3. Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда методҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: методҳои таҳқиқотии оморӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, мантақию абстрактӣ, баҳисобгирию конструктивӣ ва ғайраҳо.

Ба сифати заминаи иттилоотӣ таҳқиқоти монографӣ, коркардҳои олимони Тоҷикистон, Россия ва дигар кирварҳои хориҷӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ ва ҷумҳуриявӣ, маълумоти воқеию омории гирдовардаи муаллиф, маводҳои расмии ВАО, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҳисоботҳои солонаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШСХК «Барқи Тоҷик» истифода бурда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар асоси коркарди илмию асоснокӣ идоракунии таъмини бехатарии энергетикӣ бо назардошти рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас оиди тақвияти соҳаи энергетика муайян мегардад. Дар ин мавврид диссертатсияи мазкур нисбати корҳои таҳқиқотии пешанҷомдодашуда бо сатҳи пайдарҳамии нисбатан болои худ бобати ин масъала фарқ дошта, хусусияти хоси муносибатҳои бозоргониро дар зинаи баландтар ба инобат мегирад.

**Мақсади таҳқиқоти мазкур** дар омӯзиши асосҳои назариявӣ ва муносибатҳои методологӣ нисбати идоракунии таъмини бехатарии энергетикӣ, ошкорсозии таҳдидҳо ва таҳия намудани таклифҳои илман – асоснокшуда оид ба огоҳонидани онҳо дар асоси такмили сиёсати энергетикии давлат ва иҷроиши самараноку пайдарҳамии вай мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Амалӣ намудани мақсади дар пешгузошта вазифаҳои зеринро муайян кард:

•таҳлили рушди ақидаи илмӣ оид ба муайянсозии мафҳуми "бехатарии энергетикӣ" ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ва алоқамандии бехатарии энергетикӣ бо бехатарии иқтисодӣ, экологӣ ва миллӣ;

•таҳлили муносибатҳои методологӣ нисбат ба муайянсозии меъёрҳои индикаторҳо, паёмадҳои беруна, дохила ва таҳдиди бехатарии энергетикӣ;

•баҳодиҳии сиёсати энергетикии давлатӣ оид ба иҷроиши функсияҳои ҷамъиятии энергетикӣ, идоракунии таъмини бехатарии энергетикии кишвар дар шароити истиқлолият ва иқтисоди бозоргонӣ;

•таҳлили самаранокии рушди сектори сӯзишворию энергетикии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкорсозии таҳдиду таваккалҳои бехатарии энергетикӣ дар сатҳи давлатӣ ва минтақа;

•баҳодиҳии таҳдиди берунаи бехатарии энергетикӣ, таъмин будани ЗЭС (захираҳои энергетикию сӯзишворӣ)-и кишвар ва минтақа, сиёсати воридотӣ ва содиротӣ, тамоюлҳои пурқувватшудаистодаи ҷудошавии алоқаҳои энергетикии байнидавлатӣ дар шароити истиқлолият ва таъмини об, бехатарии энергетикӣ ва экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ;

•гузаронидани таҳлили индикативии ҳолати таъмини бехатарии энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкорсозии мушкилоти ҷойдошта;

•таҳлили чораҳо оид ба идоракунии таъмини бехатарии энергетикии кишвар ва минтақа дар асоси гуногунии ТЭС (тавозуни энергетикию сӯзишворӣ) ва баланд бардоштани самарнокии энергетикии иқтисодиёт;

•муайянсозии мавқеъгирии стратегии таъмини бехатарии энергетикии кишвар ва механизмҳои идоракунӣ, танзим ва назорат;

•таҳияи маҷмуи таклифҳо оид ба такмили сиёсати энергетикии беруна ва дохила ва чораҳо оид ба рушди ҷараёнҳои ҳамгироӣ доир ба истифодаи ЗОЭ (захираҳои обию энергетикӣ) дар ҶОМ (Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ).

**Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Рисолаи илмии Холназаров М.Б. дар мавзӯи «Идоракунӣ ва таъмини бехатарии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент барои баррасӣ пешниҳод мегардад.

**Мутобиқати матн ва навгонии рисола ба ихтисоси интихобшуда.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ:

менеҷмент ичро гардида, бо бандҳои 1.1.18. - Муаммоҳои баландбардории бехатарии энергетикӣ ва рушди устувори иқтисодии сузишворӣ-энергетикӣ. 1.1.19. – Равишҳои методологӣ ва методикаи ҳалли муаммоҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ташкили идоракунии соҳаҳо ва корхонаҳои комплекси сузишворӣ – энергетикӣ, 1.1.20. Ҳолат ва дурнамои рушди соҳаҳои комплексҳои сузишворӣ - энергетикӣ, мошинсозӣ ва металургӣ мувофиқат менамояд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Паҳлуҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 13 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 3 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла шаштои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд. Дар ин мақолаҳо ақидаҳои илмии муаллиф ва принсипҳои асосии таҳқиқот оварда шудааст.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ:

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**


1. Инновационная деятельность в сельском хозяйстве Республики Таджикистан //**Вестник** Бохтарского государственного университета Имени Носира Хусрава (научный журнал) Серия гуманитарных и экономических наук Том 2 № 1/4 (57), 2018. –с.79-85
2. Управление рынком банковских услуг в условиях переходной экономики //**Вестник** Бохтарского государственного университета Имени Носира Хусрава (научный журнал) Серия гуманитарных и экономических наук Том 2 № 1/4 (57), 2018. –с.118-125
3. Хусусиятҳои ҳисобгирии хароҷот ба истеҳсолот ва барориши маҳсулот дар хоҷагии қишлоқ //**Паёми** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, №1/4 (68), 2019 –с.241-247

4. Мафҳуми бехатарии энергетикӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ //**Паёми** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, №1/1 (71) (ISSN – 2663 – 5534), 2020 – с.164-167.
5. Таҳлили самаранокии рушди электроэнергетика ва таҳдидҳои дохилии бехатарии энергетикӣ //**Вестник** Таджикского национального университета серия социально – экономических и общественных наук №2 (ISSN – 2413 – 5151) 2020 г.– с.49-55.
6. Таҳлили самаранокии сармоягузориҳо дар рушди гидроэнергетикаи хурд //**Вестник** Таджикского национального университета серия социально – экономических и общественных наук №3 (ISSN – 2413 – 5151) 2020 г.– с.39-44.

**Дар рафти муҳокимаи рисолаи илмии Холназаров М.Б. дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ» бо пешниҳоди аъзоёни ҷаласа мавзӯи рисолаи илмӣ аз «Идоракунӣ ва таъмини бехатарии энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мавзӯи «Такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» тағйир дода шуд. Тағйироти мавзӯъ аз тарафи аъзоёни ҷаласа пурра дастгирӣ ёфта, барои тасдиқ пешниҳод гардид.**

Рисолаи илмии Холназаров М.Б. дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент.

**Интишори натиҷаҳои рисола.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар якчанд конфренсияҳои илмию-амалии ҷумҳуриявӣ баромад карда шудааст. Мақолаҳои илмии муаллиф дар солҳои 2017-2020 дар паёмҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конфронсҳои илмӣ-ҷумҳуриявӣ аз чоп баромадаанд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 35 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 26 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 26 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»- нест, суратҷаласаи №1, аз 30.07.2020 с.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми июли соли 2020, суратмаҷлиси №1 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинги**
**факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Муҳсинов Д.С.**

**Котиб:**
**ассистенти кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинги**
**факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Каримов М.И.**

**Имзоҳои Муҳсинов Д.С. ва Каримов М.И. -ро**
**тасдиқ мекунам,**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«21» 08 2020 с.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ